**КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ**
**НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# ФАРМОИШ

---

аз «2» марти соли 2022 № 83/ои ш. Душанбе

Дар бораи рад намудани
додани дараҷаи илмӣ

Мутобиқи банди 18 Низомномаи муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, №270),

**ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:**

1. Қарори шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба Иброҳимзода Одилхон Юлдош дар мавзӯи «Такмили механизми ҳавасмандгардонии рушди соҳибкории аграрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва кишоварзӣ), бинобар риоя нагардидани талаботи банди 10 Дастурамал дар бораи санҷиши диссертатсияҳо оид ба мавҷуд будани асардуздӣ аз рӯйи барномаи компютерии «Антиплагиат» (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 майи соли 2018, №5/7) бекор карда шавад.
2. Додани дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба Иброҳимзода Одилхон Юлдош рад карда шавад.
3. Баррасии такрории диссертатсияи Иброҳимзода Одилхон Юлдош барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ тибқи муқаррарот ба роҳ монда шавад.
4. Матни фармоиши мазкур дар муҳлати 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидан дар сомонаи Комиссия ҷойгир карда шавад.
5. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба уҳдаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ гузошта шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 феврали соли 2022, №2.

Раис Розиқзода А.